Хулосаи

роҳбари илмии унвонҷӯ Собитов Мазбут Шавкатович доир ба диссертатсия дар мавзӯи "Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Муаллифи диссертатсия Собитов Мазбут Шавкатович факултети математикаи МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"-ро бо баҳои хубу аъло хатм намудааст. Алҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи информатсионии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" фаъолият мебарад. М.Ш. Собитов таҳқиқоти илмии худро мустақилона гузаронида озмоиши-таҷрибавиро тавассути истифодаи маводи зиёди илмӣ нишон дода тавонист.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар шароити иттилооткунии замони муосир оид ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавӣ дар фаъолияти касбӣ-таълимӣ дар мактабҳои олӣ аҳамияти махсуси илмӣ-методӣ зоҳир намуд.

Натиҷаҳо ва дастовардҳои илмӣ-методии ӯ дар ҷаласаҳои кафедраҳои педагогикаи умумӣ ва методикаи таълими математика ва информатикаи МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", конфронсҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҳамин донишгоҳ, конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ мавриди муҳокима ва писандидан қарор гирифтаанд. Интишоротӣ илмӣ ва илмӣ-методии муаллиф моҳияти таҳқиқоти аниқу дақиқи Собитов М.Ш. дар мазмуни асосии диссертатсия инъикос ёфтааст.

Нуктаҳои асосии илмӣ-методии таҳқиқот дар 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола, дар нашрияҳое, ки дар феҳристи маҷаллаву нашрияҳои илмии КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – и ФР тавсия додаст нашр гардидааст.

Ғояҳо ва матлабҳои пешбар, ки пойгоҳи илмию назариявии таҳқиқотро фароҳам оварда, дар рафти он ифода ёфтаанд, асосҳои педагогии масъалаҳои омодагии омӯзгорни оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал ва мушаххас менамоянд.

Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, муаллиф онро мустақилона, дар сатҳи кофии илмӣ иҷро намудааст. Кор бо забони адабӣ, босаводона таълиф гардида, услуби баён исботкунанда аст. Аз рӯйи ҳар як боб ва кор дар маҷмӯъ, хулосаҳо баён шудаанд.

Дар хулоса диссертант Собитов Мазбут Шавкатович аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба илми педагогика, оид ба асосҳои педагогии масъалаҳои омодагии омӯзгорни оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти педагогӣ ифода намуда, дурнамои таҳқиқоти минбаъдаро дар ин соҳа таҳия намудааст.

Хулоса, таҳқиқоте, ки Собитов Мазбут Шавкатович ба анҷом расонидааст, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ барои илми педагогикаи муосир таҳқиқоти навин буда, барои рушди он саҳми арзанда мегузорад.

Дар ҳамин асос метавон баён намоем, ки диссертатсияи Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи “Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳқиқоти ба анҷом расида буда, ба талаботи пунктҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 оид ба “Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)” ҷавобгӯ аст. Муаллифи он, Собитов Мазбут Шавкатович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси **13.00.01 –педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ
ва методикаи таълимӣ МДТ "Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров" Исломов Озод Азимович
12.11.2020

Имзои Исломов Озод Азимович - ро тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б.Ғафуров” Ашрапова З.Н.

Иттилооти робитавӣ:735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. Тел:+992(3422)65273, E-mail: rector@hgu.tj
12.11.2020